# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ оид ба диссертатсияи Тиллозода Анваршо Абдулҳақ дар мавзуи «Ҳаёти иқтисодӣ–иҷтимоии Тоҷикистон дар шароити дигаргунсозиҳои асри XX ва аввали асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 -Таърихи ватанӣ)**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати Қурбонзода Х. – доктори илмҳои таърих, раиси комиссия, Абдуллоев М. – доктори илмҳои таърих, профессор, аъзо ва Саидова Б.Ҳ. – номзади илмҳои таърих, аъзо, диссертатсияи Тиллозода Анваршо Абдулҳақ дар мавзуи «Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон дар шароити дигаргунсозиҳои асри XX ва аввали асри XXI», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02-Таърихи ватанӣ) пешниҳод шудааст, мавриди ташхис қарор дода, хулосаи хешро ба тариқи зайл манзур менамоянд.

Муаллифи диссертатсия сарчашма ва манбаъҳои илмии муътамадро мавриди омӯзиш қарор дода, диссертатсияи худро дар асоси сарчашмаҳои зикргардида омода намуда, рисолаи пурмазмунеро пешниҳод намудааст. Диссертатсияи пешниҳодшуда ба яке аз масъалаҳои муҳимми ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон дар шароити дигаргунсозиҳои асри XX ва аввали асри XXI бахшида шудааст. Муаллифи диссертатсия қайд менамояд, ки давраи мазкур яке аз давраҳои муҳимми ҳаёти халқи тоҷик ба шумор меравад, ки дар ин замон марҳилаи рушди ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва давраи рӯ овардан ба фарҳанг ва тамаддуни аҷдодӣ маҳсуб меёбад, ки омӯзиш ва дарки ин давра аҳамияти бузурги илмӣ дорад.

Нақшаи диссертатсия, сохтор ва мазмуну мундариҷаи он, бобҳо ва зербобҳои диссертатсия муайяну мушаххас буда, ба риояи муқаррароти илмӣ ва мутобиқ ба талаботи бандҳои 31-33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Муаллиф тавонистааст, ки диссертатсияи худро тариқи сохтори дуруст таҳия намуда, объект ва предмети таҳқиқро дар алоқамандӣ бо мавзуъ, вазифаҳои таҳқиқот дар ҳамбастагӣ бо ҳадаф ва ҷанбаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар асоси навгониҳои илмӣ муайян намуда, тавассути методологияи илмӣ - таърихият онҳоро таҳлилу баррасӣ ва натиҷагирӣ намояд. Равиши пайдарҳамии мантиқии андешаҳои муаллиф дар ҳама қисматҳои диссертатсия мушоҳида шуда, мустақилияти андешаҳои муаллиф дар мавқеъгирӣ ва хулосабарориҳои илмӣ мавҷуд мебошад.

Муҳиммияти таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ, фарҳангиву сиёсии халқи тоҷик дар асри XX ва аввали асри XXI хеле гуногунранг буда, омӯзиш ва дарку таҳқиқи ҳодисаҳои ин даврон зарурат дорад. Аз ин рӯ масъалаи мазкур аз тарафи олимони ватанӣ кам мавриди омӯзиш қарор ёфта, кори диссертатсионии пешниҳодшуда, дар рушди илми таърихи ватанӣ саҳми муносиб мегузорад, аз ин рӯ омӯзиш ва таҳқиқи он дар шароити имрӯза муҳим мебошад.

Мақсади омӯзиш аз он иборат аст, ки таҳқиқоти мазкур ба риштаи пажӯҳиш кашидани вазъи иқтисодиву иҷтимоии ҷумҳурӣ дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX, инъикоси заминаҳои сиёсии дигаргуншавии сохтори идорӣ, низоми иқтисодӣ, таъсири ҷанги шаҳрвандӣ ба соҳаҳои хоҷагии халқӣ мамлакат ва рушди иқтисоди миллӣ нигаронида шуда, таҳаввулотҳои дар ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии давр ба амаломадаро инъикос менамояд.

Барои расидан ба ҳадафи гузошташуда дар раванди таҳқиқот ҳаёти сиёсии ҶШС Тоҷикистон дар солҳои бозсозии шуравӣ нақши он дар

бедории миллии тоҷикон, паёмадҳои он дар ҳаёти мардуми кишвар мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Муайян намудани тағйирот дар ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон ва омилҳои афзоиши фақру бенавоӣ муайяну мушаххас карда шуда, вазъи ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии халқи тоҷик дар замони истиқлолият, ки марҳилаи аввали он солҳои 1991-2000- умро дар бар мегирифт ва марҳилаи дуюм бошад ба солҳои 2001-2015 рост меояд, баррасӣ карда шудааст. Ҳамин тариқ, барои расидан ба мақсад вазифаҳо дуруст муайяну мушаххас гардида, ҳалли худро дар раванди таҳқиқот ёфтаанд.

Навгонии илмии таҳқиқот аз он хотир муҳим аст, ки муаллиф бо ҳал намудани вазифаҳои мушахас, як қатор навгониҳоро ба даст овардааст. Аз ҷумла бори аввали масъалаи ҳаёти иқтисодӣ - иҷтимоии халқи тоҷик дар асри XX ва аввали асри XXI дар сатҳи кори илмии диссертатсионӣ мавриди омӯзиш қарор мегирад.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия қавӣ ба назар мерасад, зеро, ки кори таҳқиқотӣ дар асоси сарчашмаҳои мӯътамади илмӣ ва манбаъҳои боэътимод таҳқиқ шудааст. Мазмуни умумӣ, хулосаҳо ва маводи истифодагардидаи диссертатсия хеле маводи нодир ва камёфт мебошад. Аз ин лиҳоз маводро зимни таълифи асарҳои маҷмӯӣ, оид ба ҳаёти иҷтимоӣ – иқтисодии асри XX ва аввали асри XXI дар раванди таҳияи монографияҳо, китобҳои дарсии таърихи муосири халқи тоҷик, воситаҳои таълимиву методӣ ва дигар корҳо метавон фаровон истифода намуд. Диссертатсия метавонад дар раванди дарки воқеаҳое, ки дар ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангиву сиёсии халқи тоҷик дар асри XX ва аввали асри XXI ба вуҷуд омадаанд, нақши муассир гузорад. Маводи мазкур метавонад дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва худшиносиву худогоҳии насли наврасу ҷавон низ ҳамчун заминаи боэътимод хизмат намояд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар омӯзиш ва дарки баъзе масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодии халқи тоҷик барои

доираҳои илмӣ ва дигар соҳаҳои ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ хизмат намояд.

Эътимоднокии натиҷаҳои рисола аз таҳқиқи маълумот, саҳеҳии далелҳо, ҳаҷми мавзуъ ва интишороти диссертант, ки дар раванди таҳқиқот истифода намудааст, барои боз ҳам эътимодбахшии диссертатсия замина фароҳам меоварад.

Муаллифи диссертатсия дар раванди таҳқиқот 13 интишоротро дар асоси натиҷаҳои диссертатсия ба нашр расонидааст, ки 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда, 7 мақола дар маводи конференсияҳои сатҳҳои гуногун мебошад ва маълум мегардад, кори диссертатсионӣ кори мустақилона ва ҳадафмандона анҷомдодаи муаллиф ба шумор рафта, муаллиф аз ӯҳдаи таҳқиқоти илмӣ ва вазифаҳои гузошташуда ба осонӣ баромадааст.

Мавзуъ ва мазмуни диссертатсияи пешниҳодшуда бо шиносномаи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02-Таърихи ватанӣ), ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ тиби фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2025, №120/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо дода шудааст ва ҳамчунин, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илми дода мешавад, мувофиқат менамояд.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияҳои муаллиф дар 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 тахта №267 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат менамоянд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи

унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Тиллозода Анваршо Абдулҳақ истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё сарчашма мавҷуд набуда, ҳамаи манбаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки мувофиқ ба меъёрҳои муқарраргардида нисбат ба корҳои илмӣ ва аз риоя шудани банди 37-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» гувоҳӣ медиҳанд.

Дар диссертатсия ва ҳуҷҷатҳои дигари пешниҳоднамудаи Тиллозода А.А. маълумоти ғайрисаҳеҳ ба назар намерасад. Комиссияи экспертӣ дар асоси талаботи банди 60-и «Низомномаи шурои диссертатсионӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Тиллозода Анваршо Абдулҳақ дар мавзуи «Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон дар шароити дигаргунсозиҳои асри XX ва аввали асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02-Таърихи ватанӣ), ки ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-093 дар Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ таҳқиқотияшон ва мақолаҳои таълифкардаашон ба ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02-Таърихи ватанӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- Набизода Ваҳҳоб Машраб доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров;

- Маҳмудзода Суханвари Анвар – номзади илмҳои таърих, муовини декан оид ба илм, инноватсия ва робитаҳои байналмилалии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хисрав пешниҳод карда мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
**доктори илмҳои таърих, профессор,**
**аъзои Шурои диссертатсионӣ** **Қурбонзода Х.**

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
**доктори илмҳои таърих, профессор**
**аъзои Шурои диссертатсионӣ** **Абдуллоев М. Х.**
**номзади илмҳои таърих** **Саидова Б.Ҳ.**

16.09.2025г.